# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссартатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34- Физиология.

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз руйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи дисссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.** Диссертатсияи Каримзода М.О. дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ Иргашев Толибҷон Абидҷанович иҷро карда шудааст.

Диссертатсия дар асоси накшаи мавзуи корҳои илмию тадқиқотии кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ба номи Ҳ. Сафарови Донишгоҳи миллии Тоҷикистон "Ба таври қиёсӣ омӯзиши таъсири омилҳои гуногуни экологӣ ба тағйирёбии ҳолати функсионалии организми одам ва ҳайвонот" (№ 0110 РК 132), ки қисми барномаи маҷмуавии илмӣ-тадқиқотӣ дар доираи Барномаи сармоягузорӣ «Оид ба Консепсияи комплекси рушди чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020» мебошад, иҷро гардидааст. Мавзуи тадқиқ дар бобати амалӣ гардидани солҳои 2020 - 2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат мекунад.

Диссертатсия аз рӯйи мавзуъ ва мухтаво ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ.** Тадқиқи диссертатсионӣ дар доираи ихтисоси 1.5.34 - Физиология ва ҳуҷҷати расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои биологӣ) гузаронида шудааст:

банди 1: Равандҳои физиологие, ки дар организми зинда ба амал меояд;

банди 4: Тадқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асаб, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, тарашшуҳи дохилӣ ва ғайра);

банди 6: Тадқиқи динамикаи равандҳои физиологӣ дар тамоми давраҳои инкишофи организм.

Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим барои омӯзиши равандҳои физиологӣ, биохимиявӣ, мубодилавӣ ва афзоиши бошиддат ва инкишофи гӯсолаҳо дар давраи парвариш аз давраи таваллуд то синни 6 моҳагӣ бо истифодаи усулҳои маъмули биологӣ, физиологӣ, биохимиявӣ, зоотехникӣ ва мувозинатӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи тадқиқот хусусияти таъсири гили бентонит ва премикс ба нишондиҳандаҳои физиологӣ ва мубодилавии организми гӯсолаҳо ошкор карда шуданд. Ҳамзамон дар рафти омӯзиш ва тадқиқот усулҳо ва роҳҳои нави ворид намудани ғизои иловагӣ ба чорвои навтавлид муайяан карда шудааст.

**Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб.** Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 21 корҳои илмӣ мукаммал инъикос ёфтаанд. Дар мақолаҳои чопшуда натиҷаи тадқиқоти илмӣ доир ба омӯзиши таъсири гили бентонит ва премикс ба хусусиятҳои физиологӣ, ҳазмшавии моддаҳои ғизоии хӯрокҳо, мубодилаи моддаҳо, суръати афзоиш ва инкишофи гӯсолаҳо, нишондиҳандаҳои гемотологӣ ва биохимиявии хуни онҳо дар шароити водии Ҳисори Тоҷикистони Марказӣ оварда шудааст.

**Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот 21 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия, 1 монография ва 2 дастури методӣ нашр карда шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқи диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои тадқиқотӣ, ки дар асоси қисми таҷрибавии кор ба даст оварда шудаанд, эътимодноканд, зеро тадқиқот дар сатҳи баланди методӣ бо истифода аз усулҳои аз ҷониби ҳамагон қабулшуда ва махсус гузаронида шуданд, ки дурустии намояндагии маводи аввалияро муайян мекунад.

Эътимоднокии маълумот бо ҳаҷми кифояи маводи тадқиқот, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот бо муайянкунии дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва интишори онҳо тасдиқ мегардад. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба даст омада хулосаҳо ва тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ мухтасар ифода гардидаанд.

**Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро.** Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзӯи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо

ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 - Физиология ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба диссертатсияи номзади илм пешбинӣ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 - Физиология пешниҳод карда мешавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.** Комиссия дар асоси банди 69 «Низомномаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои таъин кардани муқарризони расмӣ чунин пешниҳод менамояд:

1. Алиев Дилмурод Давронович - доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.08 - Физиологияи одам ва ҳайвонот, профессори кафедраи «Микробиология, вирусология ва иммунология»-и Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба тибби байторӣ, чорводорӣ ва биотехнология » дар Ҷумҳурии Узбекистон.

2. Тошмуҳаммадзода Садриддин Тошмуҳаммад - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.08 - Истеҳсоли хӯроки чорво, хӯрокдиҳии ҳайвоноти кишоварзӣ ва технологияи хӯроки чорво, омӯзгори калони кафедраи тибби бойторӣ Донишгоҳи Давлатии Данғара.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрока пешниҳод карда мешавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Барои нашр кардани автореферати диссертатсия иҷозат дода мешавад ва он ба муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, олимони соҳа ирсол карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 - Физиология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 - Физиология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 1.5.34 - Физиология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Алиев Дилмурод Давронович - доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.08 - Физиологияи одам ва ҳайвонот, профессори кафедраи «Микробиология, вирусология ва иммунология»-и Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба тибби байторӣ, чорводорӣ ва биотехнология »-и Ҷумҳурии Узбекистон;
- Тошмуҳаммадзода Садриддин Тошмуҳаммад - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.08 - Истеҳсоли хӯроки чорво, хӯрокдиҳии ҳайвоноти кишоварзӣ ва технологияи хӯроки чорво, омӯзгори калони кафедраи тибби бойторӣ Донишгоҳи Давлатии Данғара;

3. Ба сифати муассисаи пешбар кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ Ҷураева У.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Ташпулатов М.М.

доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Раҷабов Ф.М.

«17» 07 соли 2026